«Тасдиқ мекунам»
ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ -иҷтимоии Тоҷикистон»
_______________З.Ҳ.Ибодзода
аз «03» 09 соли 2020 №15

# НИЗОМНОМА
# ДАР БОРАИ ШУРОИ РАЁСАТИ
# МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ – ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

Дар асоси усулҳои ҳамоҳангсозии яккасардорӣ ва дастаҷамъии мақоми иҷроияи ба мақоми олии донишкада ҳисоботдиҳанда, инчунин бо мақсади пеш бурдани корҳои ҷории донишкада – Шурои раёсат созмон дода мешавад.

1. Бо фармоиши ректори донишкада Шурои раёсат дар ҳайати зайл ташкил карда мешавад: ректор (раис), котиби Шурои раёсат, муассиси донишкада, муовинони ректор, деканҳо, раиси иттифоқи касаба, сармуҳосиб, сардори шуъбаи кадрҳо, мудири шуъбаи маъмурию хоҷагидорӣ, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва раиси Шурои бонувон.
2. Вазифаи асосии Шурои раёсат аз таҳияи чорабиниҳо оид ба тарзи дурусти роҳбарии кори донишкада ва амалӣ гардонидани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маорифу илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, қарорҳои ҳайати мушовара ва дигар қарорҳои қабулкардаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондодҳои дастурӣ оид ба инкишофи минбаъдаи таҳқиқотҳои илмӣ ва ба амал овардани корҳои тарбиявӣ, ҳалли масъалаҳо оид ба самтҳои афзалиятдоштаи илмҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ иборат мебошад.
3. Шурои раёсат масъалаҳои зеринро баррасӣ менамояд:
   - 3.1. Муҳокима ва хулосаи пешакии масъалаҳои ба ҷаласаи Шурои олимони донишкада пешниҳодшаванда;
   - 3.2. Баррасии ҳисобот дар бораи фаъолияти 3, 6, 9 ва солонаи донишкада;
   - 3.3. Баррасии гузориш ба омодагии базаи моддӣ - техникӣ ва таълимии донишкада ба оғози соли нави таҳсил ва гузаронидани мавсими тирамоҳу зимистон;
   - 3.4. Тасдиқи нақшаи кори деканатҳо;
   - 3.5. Баррасии мунтазами ҳисоботҳо оид ба кори кафедра ва курсҳо;

3.6. Тасдиқи ҷадвали кории сохторҳои таркибии донишкада дар алоҳидагӣ оид ба вазъи корҳо бо захираҳои кадрҳо;
3.7. Баррасии масъалаҳои ҷорӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти донишкада.

4. Ба кори Шурои раёсат ректори донишкада роҳбарӣ намуда, кори онро тибқи нақшаи тасдиқнамудаи Шурои олимони донишкада, ташкил мекунад.
5. Ҳама масъалаҳои таълимӣ, табобатию тарбиявӣ, корҳои илмӣ ва дигар масъалаҳои ҷории фаъолияти донишкадаро Шурои раёсат метавонад ба тарзи маслиҳат барраси намуда, қарори маъмурӣ қабул намояд.
6. Дар ҷаласаҳои Шурои раёсат метавонанд, кормандони донишкада, мувофиқи масъалаҳои баррасишаванда даъват карда шаванд.
7. Дар ҳолатҳои зарурӣ Шурои раёсати донишкада метавонад қисмате аз қарорҳои қабулшудаи ректоратро барои баррасӣ ба ҷаласаи Шурои олимони донишкада пешниҳод намояд ва баъди ба мувофиқа омадани онҳо, қарорҳои қабулшуда аз тарафи раиси Шурои раёсат (ректори донишкада) ба имзо расонида мешаванд.
8. Қарори ҷаласаи раёсати донишкада ба тарзи суратҷаласа тартиб додашуда, онро раис ва котиби Шурои раёсат ба имзо мерасонанд.
9. Ба ғайр аз қарорҳои ректорат, ки барои баррасӣ ба ҷаласаи Шурои олимони донишкада ирсол шуда буданд, боқимонда қарорҳои қабулкардаи ҷаласаи Шурои раёсат баъди аз тарафи ректори донишкада ба имзо расидани онҳо, эътибор пайдо мекунанд.
10. Раиси Шурои раёсат назорати мунтазамро аз рӯйи рафти иҷрои қарорҳои қабулшуда, ташкил мекунад.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада «09» 09 соли 2020 (суратҷаласаи №1/5) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.